Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
731025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 17

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои фалсафа М. Раҳимов ба диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи "Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ" мазмунан ва мантиқан ба талаботи шиносномаи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат менамояд.

**Аҳамияти мавзуи таҳқиқот**. Диссертатсияи Зикирзода Ҳ. ба баррасии мавзуе бахшида шудааст, ки масъалаи инсон ва озодии ӯро дар таълимоти мутафаккирони мактаби машшоияи шарқӣ дар бар мегирад.Мутолиаи диссертатсия возеҳан нишон медиҳад, ки масъалаи озодии инсон чӣ дар дунёи қадим, чӣ асрҳои миёна ва имрӯз, чӣ дар таълимоти юнониёни қадим, чӣ дар таълимоти машшоиёни шарқию мактаби калом ва ғайра масъалаи баҳсбарангез буда, вобаста ба шароитҳои таърихӣ нисбӣ будани озодии инсон ба назар мерасад. Аз ин рӯ, ба назари диссертант дар шароити ҷаҳони муосир ва бо анҷом ёфтани давраи тафаккури постмодернӣ арзишҳои ҳувияти этнофарҳангӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Бинобар ин, таҳқиқи мушкилоти марбут ба табиати инсон, озодӣ ва ҳуқуқҳои фитрии ӯ, аз ҷумла, бо дарназардошти дигаргуниҳое, ки имрӯз дар тафаккури инсон дар маҷмуъ ба амал меоянд, нисбат ба ҳарвақта аҳамияти бештар пайдо мекунанд.

Дар замони муосир масъалаи озодии инсон яке аз масъалаҳои бунёдии марбут ба ҳаёти иҷтимоии ӯ мебошад. Дар маҷмуъ, масъалаи мазкур ба муҳити ҷаҳоншумули имрӯзаи рабт дорад, ки он инсонро ҳарчи бештар барои дарк кардан ва ба даст овардани озодии шахсиаш барои касби хислатҳои мустақилӣ, хирадмандӣ, саъю кӯшишҳо барои беҳбудии ҳаёташ таҳрик медиҳад. Эволютсияи имрӯзаи ихтиёру озодии инсон, ки аз беҳшавии хислатҳо ва истеъдодҳои ӯ далолат мекунад,

намунае аз рушди озодии ӯ мебошад. Дар замони муосир, ки таърих ва сарнавишти инсон пур аз таҳлукаю изтироб аст, муҳаққиқонро водор мекунанд, то гаштаву баргашта ба афкор ва ақоиди мутафаккирони гузашта, аз ҷумла, дар мисоли машшоиёни шарқӣ, ҳамчун як ҷузъи фарҳанги тоҷикон, рӯ оваранд. Ҳодисаҳои даҳсолаҳои охир, ки бо раванди босуръати сиёсишавии ҷомеа иртибот доранд, аҳаммияти озодиро барои инсон ва хештаншиносии ӯ ба маротиб боло бардоштааст. Асоснок намудани озодии инсон дар муқарраротӣ фалсафӣ, қолабҳои идеологӣ ва сиёсии Шарқ, ки ба озодии инсон мутааллиқанд, ба ноустуворӣ ва асосноккунии қолабҳои муосир кӯмак мерасонад. Аз ин ҷо, баррасӣ ва таҳлили афкори намояндагони мактабҳои ақлгароӣ, алалхусус, машшоияи шарқӣ ва саъю кӯшишҳои онҳо дар ҳаллу фасли мушкилоти вобаста ба масъалаи озодии инсон ва шахс ва ҳудудҳои он бағоят муҳим ба назар мерасад.

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон тибқи Конститутсияи ҷумҳурӣ ва қонунҳои дигари он шахс ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ дар мадди аввал гузошта шудаанд. Риоя намудани онҳо ба ташаккул ёфтани ризоияти шаҳрвандӣ мусоидат намуда, барои барангехтани низоъҳои қавмӣ ва динӣ-мазҳабӣ монеъ мешавад. Вале дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон пайваста рӯ ба инкишоф аст ва ҳадафи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дорад, ки шомили яке аз масъалаҳои ҷаҳоншумул, ки асоси бунёди ҷомеаи кушоди шаҳрвандӣ, давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад ва он ногузир дарки фалсафии масъалаи озодии инсон ва ҳудудҳои онро дар доираи арзишҳои фарҳангӣ-таърихӣ (дар мисоли машшоияи шарқӣ) дар шароити куллан тағйирёфтаи иҷтимоӣ-фарҳангии кишвар ба миён меоварад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро диссертант Зикирзода Ҳ. бо он муайян менамояд, ки масъалаи озодии инсон ва ҳудудҳои он дар таълимоти машшоиёни шарқӣ ҳамчун як таҳқиқоти мукаммал бори аввал дар фазои илмии пасошӯравӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Натиҷаҳои асосии кори таҳқиқотӣ, ки ҳамчун навгонӣ эътироф шудаанд, мухтасаран нуктаҳои зерро инъикос менамоянд:

- аз нигоҳи илмӣ асоснок гардид, ки дар ташаккулёбии таълимот оид ба озодии инсон ва ҳудудҳои он дар заминаи ақлгароӣ ва синтези назарияҳою таълимоти мактабҳои фалсафию динии гуногун барои машшоиёни шарқӣ, пеш аз ҳама, омилҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ таъсир расондаанд;

- дар доираи фаҳмиши масъалаҳои ҷабр ва ихтиёр, қазо ва қадар дар таълимоти машшоиёни шарқӣ иртиботи онҳо бо озодии инсон ба таври мукаммал ва муназзам нишон дода шуда, асоснок мегардад, ки инсон дар кору кирдораш озод аст ва қазою қадар ва сарнавишти пешакӣ муайяншудаи ӯ низ имкон медиҳанд, ки ҳаёташро худаш идора кунад;

- таҳлили муқоисавии масъалаи озодии инсон ва ҳудудҳои он дар таълимоти машшоиёни шарқӣ нишон дод, ки ҳарчанд озодии иродаи инсон априорӣ аз иродаи илоҳӣ вобаста аст, аммо инсон аз тариқи ихтиёр ва интихоб озодии иродаашро ба кор бурда метавонад;

- таҳлили муқоисавии масъалаи озодӣ ва масъулияти шахс нишон дод, ки фаҳмиши ин таносуб дар байни ақоиди мутафаккирони машшоияи шарқӣ нисбат ба ихтилофу тазодҳо дида, умумияти бештар ба назар мерасад;

- бори аввал бар пояи таҳлили муқоисавӣ хулосае асоснок гардид, ки тибқи он дар муносибат бо ҳокимияти динӣ ва сиёсӣ масъалаи озодии инсон ва шахс аз нигоҳи машшоиёни шарқӣ дар ҳамбастагии адолати иҷтимоӣ бо адолати илоҳӣ муайян мегардад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи корро** диссертант хеле муфассал ва дақиқ нишон додааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асосҳои назариявии диссертатсияро диссертант бо идеяҳои дар осори мутафаккирон юнонию шарқӣ баёншуда, ки дар онҳо масъалаи озодии инсон баррасӣ шудааст, ҳамчунин назарияҳои мутафаккирони марҳилаҳои баъдӣ оид ба мавзуи мазкур, инчунин таҳқиқоти олимони муосири соҳаҳои фалсафа, психология, ахлоқ ва диншиносии марбут ба мавзуъ асоснок менамояд. Асоси методологии таҳқиқоти мазкурро методҳои умумиилмии фалсафӣ ва илмӣ ташкил медиҳанд. Эътимоднокии натиҷаҳои илмии бадастомада бо заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи шумораи зиёди сарчашмаҳо ва таҳқиқоти илмӣ оид ба мавзуъ, истифода аз методҳои умумимантиқӣ, махсус ва бо овардани далелҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва боварибахш муайян мегардад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таҳлили илмии умуминазариявии фалсафа ва таърихи фалсафа ба кор рафта метавонанд. Хулосаҳое, ки аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқи мавзуи диссертатсия ҳосил шудаанд, барои вусъат бахшидани омӯзиши масъалаи озодии инсон ва шахс ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, антропологӣ-иҷтимоӣ мусоидат намуда, дар таҳияи ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва танзими ҳуқуқи

инсон аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва созмонҳои дигар истифода шуда метавонанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди таълими фанҳои таърихи фалсафа, диншиносӣ, фалсафаи иҷтимоӣ, ахлоқ ва ғайра мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамзамон, тавсияҳои диссертант дар мавриди равиши аќлгароии машшоиёни шарқӣ метавонад аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи таърихи фалсафа ва илмҳои дигари фалсафии Тоҷикистон ҳангоми таълифи асарҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ тарғибу ташвиқ карда шавад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар 16 мақолаҳои илмии муҳаққиқ, ки дар маҷаллаҳои илмии эътирофкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гаштаанд, 9 мақола, ки дар нашрияҳои дигар ба чоп расидаанд ва монографияи диссертант, инъикос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа таҳқиқоти мустақилона баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян шуданд, инчунин дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи татбиқи таҳқиқот ба тафсил нишон дода шудаанд.

Мутолиаи кор, таҳлилҳо, банду баст, қиёсу шарҳҳо ва ғайра ишора бар он мекунанд, ки диссетратсия дар сатҳи зарурӣ таҳия карда шудааст. Услуби навишт ва баёни андешаҳо, овардани иқтибосот пурра илмӣ мебошанд. Истифодаи истилоҳоти фалсафӣ, чи истилоҳоти байналмилалии аврупоӣ ва чи тоҷикию арабӣ дар дохили кор хеле ба ҷо корбаст гардидаанд, ки аз фаҳмиш ва завқи баланди дониши забонӣ ва фалсафии муаллиф шаҳодат медиҳад. Масалан, истилоҳоти байналмилалии эгалитарӣ, антропоморфӣ, компатибилизм, демиург, теодитсей, либертариализм, детерминизм, окказионализм ва ё истилоҳоти арабӣ: воҷиб-ул-вуҷуд, имкон-ул-вуҷуд, фаязон, судур, билқувва, билфеъл, биттабъ, би-иктибос, сабабият ва ғ. Зербобҳо ба бобҳо ва бобҳо ба мавзуи асосӣ алоқамандии мантиқӣ дошта, таносуби байни бобҳо ва зербобҳо аз ҷиҳати ҳаҷм ва саҳифабандӣ комилан

мувофиқанд. Барои таҳияи кор муаллиф аз адабиёти зиёди илмӣ ба забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русию англисӣ, арабию форсӣ, франсавию олмонӣ ва ғайра истифода намудааст, ки аз ворид будани муаллиф ба илму фалсафаи ҷаҳонӣ дарак медиҳанд. Ҳар як зербоб ва бобҳо хулосаҳои мушаххаси худро доранд. Хулосаҳои умумии кор низ дар охир ба тартиб дарҷ гардидаанд.

Дар боби якум - **"Асосҳои назариявӣ-методологии масъалаи озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ"** - диссертант бевосита ба тавсиф ва баррасии мафҳуми озодии инсон: таъриф, принсипҳо ва усулҳои фалсафии таҳқиқот, омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва сарчашмаҳои ғоявии пайдоишу ташаккулёбии масъалаи озодии инсон дар таълимоти фалсафӣ-динии Шарқи мусулмонӣ, ақлгароӣ ҳамчун равиши асосии баррасии масъалаҳои фалсафӣ дар таълимоти машшоияи шарқӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. **(С. 23-104)**

Муаллиф, дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои муътамад, таҳлили ақидаи машшоиёни шарқӣ ва дигар олимону донишмандон илман асоснок мекунад, ки "Озодӣ, инчунин, ҳамчун қобилияти инсон барои амал кардан дар роҳи расидан ба ҳадафҳо ва ҳимояи манфиатҳои худ бо такя ба зарурати воқеӣ тафсир карда мешавад". **(С. 23-24).**

Таҳлилу баррасиҳои муаллифро дар ин боб хулоса карда гӯем, натиҷа он аст, ки "Фалсафаи машшоияи шарқӣ нисбатан хусусияти дунявӣ ва ақлонӣ дошта, ҳадди ақал дар шакли назариявии хеш танҳо ба усулҳои фалсафии касб намудани донишҳои ҳақиқӣ дар бораи олам, инсон ва ҷомеа бидуни эътиқодоти априорӣ ва ё боварии ғайриинтиқодӣ ба ваҳйи илоҳиётшиносӣ такя мекунад". **(С.104)**

Дар боби дуюми таҳқиқот – **"Ҷанбаҳои онтологии масъалаи озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ"** – муаллиф ба таври муфассал масъалаҳои озодии инсон дар доираи баҳсҳои умумионтологӣ, ҷабр ва ихтиёр ҳамчун омилҳои муайянкунандаи моҳияти озодии инсон, қазою қадар ва таносуби онҳо бо озодии инсон ва озодии ирода ва тазоди он бо ҷабр ва қазову қадар таҳлилу баррасӣ мекунад. **(С.103-211)**

Ба назари диссертант "Ба маънои куллӣ ва содаи он, инсони озод касест, ки ҳар коре, ки хоҳад, бидуни дахолати неруҳои беруна иҷро мекунад. Аммо ҳар чизе, ки бар зидди иродаи инсон ба кор меравад, ё қувваҳои идоранашавандаи табиат аз назари илм ва ё иродаи илоҳӣ аз нигоҳи динӣ мебошад". **(С.104)** Диссертант дар ин боб масъалаи озодиро дар робита бо сабабияту детерминизм дар доираи мактабҳо ва таълимоти гуногун баррасӣ карда ба чунин андеша расидааст:

“Масъалаи сабаб ва иртиботи он бо озодӣ дар фалсафаи классикии Шарқ, чуноне ки аллакай медонем, яке аз масъалаҳои асосии фалсафӣ ва илоҳиётшиносӣ буда, аз як сӯ ба масъалаи офариниши ҷаҳон ва инсон аз ҷониби Худо ва аз ҷониби дигар, ба озодӣ ва масъулияти инсон дар олам иртибот дорад, ки олимон ва файласуфони Шарқро ба мубоҳисаҳои тулонии фалсафӣ бурдааст”. **(С. 108)**

Хулосаи диссертант дар ин боб чунин аст: “Агар ба назарияи озодии иродаи инсон дар таълимоти Форобӣ, Ибни Сино ва Насирудини Тӯсӣ ба таври амиқ таваҷҷуҳ намоем, чунин фарқияти асоситарини онҳо дар фаҳмиш ва баррасии ин масъала равшан мегардад: дар таълимоти Форобӣ масъалаи ирода ва озодии инсон дар доираи муносибатҳои иҷтимоии одамон, ки ба ҳодисаҳои метафизикӣ низ иртибот доранд, мавриди таҳлил қарор мегирад; дар таълимоти Ибни Сино масъалаи озодии иродаи инсон бештар хусусияти метафизикӣ дошта, охир-ул-амр бо ахлоқи инсон пайваст мешавад; дар таълимоти Насируддини Тӯсӣ бошад, масъалаи озодии иродаи инсон хусусияти сирф ахлоқӣ дошта, пайвастшавии он бо масоили метафизикӣ дар ҷойи дуюмдараҷа қарор гирифтааст”. **(С. 211)**

Боби сеюми диссертатсия – **“Озодии шахс ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар таълимоти машшоияи шарқӣ”** – ном дошта, мавзуҳои таҳлил ва баррасишавандаи онро масоили озодӣ ва масъулияти ахлоқии шахс, адолат ҳамчун заминаи асосии озодии инсон, озодии шахс дар муносибат бо ҳокимияти сиёсӣ-иҷтимоӣ ва таълимоти машшоиёни шарқӣ оид ба озодии инсон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ ташкил медиҳанд, ки дар ҳар як зербоб хулосаҳои муаллиф ба таври мушаххас нишон дода шудаанд. **(С.212-315)**

Диссертант дар ин боб дарки озодиро аз ҷониби машшоиёни шарқӣ натиҷаи таъсири осори мутафаккирони Юнони қадим қаламдод мекунад. Ба навиштаи диссертант дар таълимоти машшоиёни шарқӣ масъалаи озодии ирода ба хусусиятҳои руҳонӣ-равонии инсон мутааллиқ дониста мешавад ва қобилиятҳою вазифаҳои нафси инсон ба ҷонибҳои мутақобилу мутазод тақсим мешаванд: аз як тараф, ақл ва тафаккур, аз тарафи дигар, хоҳиш ва ирода. **(С. 216)** диссертант андешаҳояшро дар охири ин боб ин навр ҷамъбаст мекунад: “Аз муҳокимаҳо ва мубоҳисаҳои фавқуззикр ба хулоса мерасем, ки барои мутафаккирони машшоияи шарқӣ озодӣ танҳо маҳсули тахайюлот ва ё мафҳуми сирф назариявӣ нест. Аз ин рӯ, онҳо таълимот дар бораи озодии инсон ва тобеияти ӯро дар чаҳорчӯбаи меъерҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, аз ҷумла динӣ

ва ҳамчун як диди вокеӣ таҳия кардаанд, ки аз ҳаёти ҳаррӯзаи одамон дар ҷомеаи онҳо сарчашма мегирад". **(С. 314)**

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои бадастоварда дар 10 банд ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар 5 банд ба таври мушаххас ва дақиқ нишон дода шудаанд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас ва ҳалли масъалаҳои баҳснок дар диссертатсия камбудиҳо ва баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1.Ақидаи диссертант доир ба он ки "дар тамоми асарҳои Ибни Сино дар бораи иродаи инсон ба таври возеҳ ва амиқ хеле кам гуфта шудааст", беасос аст, зеро дар асарҳои бунёдии Шайурраис, аз ҷумла Шифо, Наҷот, Донишнома масъалаи мазкур возеҳу равшан баён ёфтаанд.

2. Дар диссертатсия мафҳумҳои илмии бунёдии мавзуъ аз ҷониби муаллиф хуб таҳлил карда шудаанд ва аксари онон синонимӣ (ҳаммаъно) мебошанд. Ба ҳар сурат барои равшанӣ андохтан хуб мешуд агар тафовут ва махсусияти мафҳумҳои ирода, ихтиёр, қазо, қадар, тақдир, сарнавишт, қисмат аниқ карда мешуд. Зеро дар осори Ибни Сино, масалан ирода дар вожаи "хост" ифода шудааст.

3. Дар эҷодиёти Ибни Сино созиши ақл ва имон, фалсафа ва дин на ҳамчун норасоӣ ё рӯпӯш кардани ақоиди илмии эшон баррасӣ карда шавад, балки он дар чорчӯби "ҳақиқати дугонӣ", яъне пазируфтани ин ду ҷаҳонбинӣ ҳаллу фасл карда шавад, зеро ҳадафи он ба таҳаммулпазирӣ, таъмини субот ва амният ва пешгирӣ намудани низоъ дар ҷомеа равона шудааст.

4. Хуб мешуд агар дар қавӣ ва асоснок намудани хулосаҳои назария ва таълимотҳо оид ба ирода, озодии иродаи шахс, қазо ва қадар ба асарҳои тамсилии Ибни Сино низ руҷӯъ мекардед, зеро дар он масъалаҳои зикршуда возеҳу равшан ифода шудааст.

5.Дар истифодаи адабиёти илмӣ низ баъзе нофаҳмиҳо ва иштибоҳҳо ба назар мерасанд. Масалан, ақидае, ки дар матн дар саҳифаи 232-233 оварда шудааст ба асари Ибни Сино "Фи илм ал ахлоқ" мансуб аст, вале дар иқтибос асари дигар ба забони англисӣ "Essay of Secrit of Destiny" омадааст. Асари олим ""Ишорот ва танбеҳот" дар тарҷумаи русии он, ки ба қалами олимони русиягӣ мансуб аст, истифода шудааст. Ғайр аз он аз теъдоди асарҳои бунёдии Ибни Сино, инчунин рисолаҳои хурди Ибни Сино, аз ҷумла "Рисолаи қадр" анқариб истифода нашудааст.

Дар маҷмуъ, камбудӣ ва эродҳои ҷойдошта мазмун ва сифати диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд. Автореферати диссертатсия мазмуни асосии диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Таълифоти муаллиф паҳлуҳои гуногуни кори таҳқиқотиро ифода карда метавонанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо метавон гуфт, ки диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Зикирзода Ҳобил барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, арзанда мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмхои фалсафа,**
**профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии**
Донишгохи техникии Тоҷикистон ба
номи М.С. Осимӣ **Раҳимов М. Ҳ.**
Тел: 992(37)221-35-11; E-mail,
info@ttu.tj; WWW. @ttu.tj
**Имзои профессор М. Раҳимовро тасдиқ мекунам.**
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ
ба номи М.С.Осимӣ **Қодирзода Н.Ҳ.**
**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академик Раҷабовҳо, 10

04.06.2024